# ХУЛОСАИ

**мушовири илмӣ ба диссертатсияи Каримов Баҳодур Ҳасанович дар мавзуи «Методология ва амалияи бунёдшавии низоми миллии баҳисобгирии молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ, аудит**

Таҳқиқоти диссертатсионии Каримов Б.Ҳ. саҳми арзанда дар фаҳмиши назариявӣ ва коркарди амалии масъалаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ мебошад. Дар он муаллиф ҷанбаҳои асосии бунёдшавӣ ва фаъолияти низоми миллии баҳисобгирии молиявиро бо назардошти таъсири *ҷаҳонишавии иктисодӣ*, *инчунин* татбиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) баррасӣ ва таҳлил кардааст.

Мубрамии мавзуи дисертатсия ба як қатор омилҳое, ки ба рушди муосири иқтисоди ҷаҳонӣ таъсир мерасонанд, вобаста аст. Дар шароити ҷаҳонишавии равандҳои иқтисодӣ, ҳамгироии бозорҳо ва мутобиқ шудан ба стандартҳои байналмилалӣ вазифаи муҳим барои аксари кишварҳо ислоҳоти низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ, аз ҷумла баҳисобгирии молиявӣ мебошад. Мутобиқсозии ин низомҳо ба СБҲМ омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ, таҳияи равишҳои муассири методологӣ ва ҳалли мушкилоти амалиро талаб мекунад. Ин махсусан барои кишварҳои рӯ ба рушд, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои баланд бардоштани шаффофият ва саҳеҳии иттилооти молиявӣ беҳсозии низоми баҳисобгирии молиявӣ зарур аст, дахл дорад.

Диссертатсияи мазкур масъалаи муҳими илмию амалиро ҳал намуда, ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии ташакул ва рушди низоми миллии баҳисобгирии молиявиро бо назардошти таъсири ҷаҳонишавии иқтисодӣ ва татбиқи стандартҳои байналмилалӣ инъикос менамояд.

Муаллиф мавзуи диссертатсияро мустақилона интихоб намуда, аҳамияти илмии онро асоснок кардааст. Барои ноил шудан ба ҳадафи таҳқиқот ва иҷрои вазифаҳои ба он алоқаманд, асарҳои илмии олимону иқтисодчиёни ватанӣ ва хориҷӣ, маводи зиёди амалӣ ва омориро истифода кардааст. Аз мазмуни таҳқиқоти анҷомдодашуда бармеояд, ки муаллиф мавзуъро дар сатҳи баланди илмӣ баррасӣ намуда, андешаҳои худро вобаста ба масъалаҳои алоҳидаи доираи фарогири диссертатсия баён кардааст.

Дар боби якум муаллиф асосҳои назариявӣ, тафсири мафҳумҳо ва таснифи низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибиро пешниҳод намуда, таъсири ҷаҳонишавии иқтисодиро ба таҳаввулоти онҳо баррасӣ мекунад. Яке аз ҷанбаҳои муҳими боби мазкур омӯзиши заминаҳои таърихӣ ва иҷтимоии иқтисоди исломӣ мебошад, ки ба хусусиятҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар

кишварҳои дорои асосҳои исломӣ таъсир мерасонад.

Дар боби дуюм равишҳои методологии бунёдшавӣ ва фаъолияти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ муфассал баррасӣ шуда, ба таҳаввулоти ин равишҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ диққати махсус дода шудааст. Принсипҳои асосии ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ, унсурҳои методии он, инчунин пойгоҳи меъёрие, ки барои фаъолияти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ зарур аст, ба таҳқиқ фаро гирифта шудааст.

Дар боби сеюм раванди ташаккули низоми баҳисобгирии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шуда, мушкилот ва тамоюлҳои асосии ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии молиявӣ дар кишвар муайян карда шудааст. Ҳамчунин мавқеъи баҳисобгирии молиявӣ дар низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои иқтисодӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, мушкилоти марбут ба ҳамгироии он ба стандартҳои байналмилалӣ муайян карда шудааст.

Бахши муҳими кор омӯзиши раванди ташкил ва такмили низоми миллии баҳисобгирии молиявӣ мебошад, ки дар он муаллиф мушкилот ва камбудиҳои мавҷударо ошкор намуда, инчунин роҳҳои ҳалли онҳоро пешниҳод кардааст. Пешниҳодҳои таҳияшуда оид ба такмили низоми баҳисобгирии молиявӣ дар шароити татбиқи СБҲМ барои ислоҳоти баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин барои дигар давлатҳои дорои иқтисоди рӯ ба рушд муфид буда метавонанд.

Дар боби чорум имконият ва дурнамои татбиқи СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври муфассал таҳлил шудааст. Вазъи татбиқи СБҲМ ташхис шуда, мушкилоте, ки муҳосибон ватанӣ ҳангоми гузариш ба ин стандартҳо дучор меоянд, таҳлил карда мешаванд. Ба таҳлили ташхисии татбиқи СБҲМ дар кишвар таваҷҷуҳи хоса дода мешавад, ки имкон медиҳад мушкилот ва монеаҳои воқеии татбиқи пурраи ин стандартҳо муайян карда шаванд.

Дар боби панҷум муаллиф тавсияҳои мушаххасро оид ба такмили низоми миллии баҳисобгирии молиявӣ дар шароити истифодаи СБҲМ пешниҳод мекунад. Механизмҳои таҳияи сиёсати баҳисобгирии муҳосибӣ, такмил додани нақшаи ҳисобҳо ва рушди назорати дохилӣ, ки ба таъмини саҳеҳии ҳисоботи молиявӣ ва кам кардани хавфҳои таҳрифи иттилооти молиявӣ нигаронида шудааст, баррасӣ карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, диссертатсия таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи муосири низоми баҳисобгирии молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ буда, дар он тавсияҳои амалӣ оид ба такмили низоми миллии баҳисобгирии молиявӣ, ки дар шароити таҳдидҳои муосири иқтисоди ҷаҳонӣ бамаврид ва саривақтӣ мебошад, пешниҳод шудааст. Таҳқиқот бо дараҷаи баланди илмӣ иҷро карда шуда, дарки чуқури назария, методология ва амалияи низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, аз ҷумла баҳисобгирии молиявиро нишон медиҳад ва метавонад

барои таҳқиқоти минбаъда дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ заминаи сазовор гардад. Интиҳои мантиқии таҳқиқот дар хулоса ва тавсияҳои муаллиф инъикос гардидааст, ки дар натиҷаи таҳқиқи назариявию амалӣ ташаккул ёфтааст.

Доштани малакаҳои таҳлили илмии иқтисодӣ ба диссертант имкон дод, ки диссертатсияро дар сатҳи баланди назариявӣ ва амалӣ иҷро кунад. Озмоиши натиҷаҳои таҳқиқот, ки бо санадҳои дахлдор тасдиқ шудааст, аз аҳамият ва имконияти истифодаи натиҷаи таҳқиқот дар фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ, ташкилотҳои аудиторӣ ва раванди таълимии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон шаҳодат медиҳад.

Дар давраи иҷрои диссертатсия унвонҷӯ дар конференсияҳои илмию амалии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, инчунин дар семинарҳои илмии донишгоҳӣ ширкат варзидааст. Дар рафти иҷрои корҳои илмию таҳқиқотӣ унвонҷӯ 1 монография, 51 адад мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 22 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст.

Дар раванди иҷрои таҳқиқот муаллиф маводи зиёди назариявию амалиро ҷамъбаст карда, усулҳои илмии таҳлили иқтисодӣ, ташхис ва амсилабандии равандҳои ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, инчунин усулҳои амалии пурсиш, мусоҳиба ва таҳлили маълумоти омориро ба кор бурдааст.

Сохтор, мундариҷа ва сифати иҷрои диссертатсия ба талаботи бандҳои 32, 33, 34 ва 35 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295) нисбат ба диссертатсияҳои докторӣ ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ, аудит тавсия дода мешавад.

**Мушовири илмӣ:**
**Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Хушвахтзода Қ.Х.**

**Имзои Хушвахтзода Қ.Х.-ро тасдиқ мекунам:**
**Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси АМИТ** **Акрамзода Т.С.**

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ
АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
НАЦИОНАЛЬНАЯ АКАДЕМИЯ НАУК ТАДЖИКИСТАНА

**03 марти соли 2025**